**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Шарифзода Файзигул Шариф дар мавзуи «Истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

Зарурати масъала ва сатҳи пажуҳиши илмӣ дар муқаддима таҳлил гардида, объект ва предмети таҳқиқот, инчунин мақсад ва вазифаҳои асосии он муайян шудаанд. Дар диссертатсия тавсифи асосҳои илмию методологӣ, шарҳу тавзеҳи онҳо, арзиши илмиву амалии таҳқиқот, баёни навгонии илмӣ ва муҳтавои асосӣ, ки ба дифоъ пешниҳод мегардад, арзёбӣ шуда, объект ва мавзуи таҳқиқот асоснок карда шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, дар он 23 ҷадвал, 15 диаграмма ва 4 расм ҷой дода шудаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 207 саҳифаро ташкил медиҳад.

Боби аввали рисола ***«Асосҳои назариявӣ – методологии истифодаи самараноки воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти таълимии хонандагон»*** номгузорӣ шудааст. Дар он моҳияти истифодаи самараноки технологияҳои инноватсионӣ дар фаъолияти таълимии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои таҳияи натиҷаҳои нав бо истифода аз расонаҳо ва технологияҳои муосир мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф зарурати татбиқи ин технологияҳоро асоснок намуда, нишон додааст, ки онҳо дар амалияи раванди таълим имкониятҳои васеъ барои баланд бардоштани сифати донишандӯзӣ фароҳам меоранд.

Боби дуюми рисола бо унвони ***«Мавқеъ ва нақши истифодаи самараноки воситаҳои навоварӣ (инноватсионӣ) дар барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ»*** пешниҳод шудааст. Дар ин боб масъалаи ташкили барномаҳо ва китобҳои дарсӣ баррасӣ мегардад, ки мутобиқ ба талаботи низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ дар истифодаи воситаҳои иттилоотӣ ва технологияҳои инноватсионӣ нақши муҳим мебозанд.

Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки барномаҳои таълимӣ бояд бо дарназардошти суръати рушди технология дар тамоми соҳаҳои ҳаёт, аз ҷумла маориф, мутобиқ гарданд, то истифодаи самараноки воситаҳо ва захираҳои муосир таъмин шавад. Ҳамчунин, таҳияи барномаҳо ва

китобҳои дарсӣ бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолии хонандагон имконият фароҳам меорад, ки технологияи муосир ба таври муассир татбиқ гардад ва раванди омӯзиш барои толибилмон шавқовар, дастрас ва таъсирбахш бошад.

Боби сеюми рисола, ки ***«Корҳои таҷрибавӣ - озмоишии истифодаи самараноки васоити иттилоотӣ ва технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти таълимии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ»*** ном дорад, оид ба истифодаи усулҳои гуногуни самараноки таълим дар фаъолияти хонандагон тавассути мониторинг ва ҳамчунин як падидаи нави муҳим ва мураккаб дар илми педагогикаи муосир нишон дода шудааст. Масъалаҳои асосие, ки муҳаққиқ дар кори илмии хеш баҳри баланд бардоштани сатҳи истифодаи босамари технологияҳои инноватсионӣ бо усулҳои гуногун, аз ҷумла мониторинги муайян кардани сатҳи дониши хонандагон, корҳои мустақилона, корҳои гурӯҳӣ, дарси лексия, таҳияи лоиҳаҳо ва презентатсияҳо ва ғайра пеш гузоштааст, амалӣ гардидаанд.

Муҳаққиқ барои боз ҳам беҳтар истифода намудани воситаҳои иттилоотӣ ва технологияи инноватсионӣ дар раванди омӯзиши хонандагон якчанд роҳу усулҳои дидактикиро пешниҳод менамояд. Корҳои озмоишии муҳаққиқ зарурати муҳим доштани воситаҳои иттилоотӣ ва технологияҳои инноватсиониро дар маълумотгирии толибилмони муассисаҳои таълимӣ дар замони муосир муайян намуда, барои ҳосил кардани дониш, маҳорат ва малакаҳои амалӣ замина мегузоранд.

Барои ноил гардидан ба иҷрои мақсади таҳқиқотӣ, муҳаққиқ ба иҷрои вазифаҳои дар пешгузошташуда тавассути муайянсозӣ ва интихоби асосҳои методологию назариявӣ, истифодаи сарчашмаҳои маълумотӣ ва адабиёти илмӣ, махсусан методҳои назариявию амалии таҳқиқотӣ ва интихоби пойгоҳи таҳқиқотӣ мусоидат намудааст.

Аз ҷониби Шарифзода Ф.Ш. интихоби мавзуи илмӣ оид ба таҳқиқи ***«Истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон»*** мубрам ва саривақтӣ буда, он ба ошкор сохтани роҳҳои истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим равона шудааст. Истифодаи методҳо ва усулҳои босамар дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таъсири назаррас ва самарабахш мерасонад.

Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ, мизи мудаввар ва семинарҳои илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз ҷумла дар конференсияҳои ҷумҳуриявии илмию амалӣ унвонҷӯ мақолаҳо чоп намуда, бо маърузаҳо баромад кардааст.

Автореферати диссертатсия ба талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Шарифзода Файзигул Шариф барои гирифтани унвони илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи иқтисод ва идора
дар соҳаи маориф
Донишкадаи ҷумҳуриявии
такмили ихтисос ва бозомӯзии
кормандони соҳаи маориф Маҳкамова Машҳура

16.06.2026

Имзои Маҳкамова Машҳураро тасдиқ мекунам

Сардори раёсати кадрҳо
ва котиботи ДҶТИБКСМ Манучеҳр Ҳабибзода

Маълумот барои тамос: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нисор Муҳаммад, 15; Телефон: (+992) 917-02-06-34; Почтаи электронӣ: s.sobirov.dti@mail.ru